# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) омода гардидааст ва ба талаботи шиносномаи тахассус мувофиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Муқоисаи осори арзишманди маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ҳамчун мавзуи пажӯҳиши илмӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки барои ҳаёти маънавии имрӯзаи ҳам тоҷикон, ҳам аврупоиҳо муҳим буда, то ҳол дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардидааст. Осори ин мутафаккирон ҳамчун сармояи гаронарзиши маънавии инсоният ба ҳисоб рафта, дар онҳо масъалаҳои гуногуни фалсафӣ, аз қабили шинохти воқеии инсон, ба таври муназзам роҳандозӣ намудани раванди таълиму тарбия, барпо намудани оилаи солим, таъсиси ҷомеаи намунавӣ ва ғайра матраҳ гардида, ки дар шароити имрӯза низ аз аҳамияти хос бархӯрдор аст. Ин омил омӯзиши масоили мазкурро дар замони муосир актуалӣ мегардонад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Каримов Қадриддин Облобердиевич иқдоми хубе мебошад, ки барои шинохти симоҳои маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш равона шудааст ва он фазои холии илмию назариявии ин самти таҳқиқотиро пурра мегардонад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ба осору фаъолияти ин

маорифпарварон бо диди нав таваҷҷӯҳ шавад ва аҳамияти онҳо бо назардошти хусусиятҳои замони муосир ошкор гардад.

Ҳарчанд то ба имрӯз аз ҷониби олимони гуногун паҳлӯҳои мухталифи фаъолияти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш таҳқиқ шуда бошанд ҳам, назариёти ин мутафаккирон мавриди муқоиса қарор нагирифтаанд ва кори мавриди назар барои мушаххастар кардани ҷанбаҳои норавшани он мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти довталаб имкон медиҳад, ки афкори маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар сатҳи зарурӣ шинохта шаванд ва аҳамияти маърифати онҳо дар шароити имрӯз нишон дода шавад. Бо назардошти масъалаҳои номбаргардида гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмии довталаб актуалӣ буда, аҳамияти зиёди илмию амалӣ дорад. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзуи илмӣ хеле хуб асоснок шудааст.

**Навгониҳои диссертатсия**. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он муайян мегардад, ки аввалин бор афкори маорифпарваронаи Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш бо нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунадаи онҳо таҳқиқ шуданд.Натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотии мазкур, ки ҳамчун навгонӣ эътироф шудаанд, бо далелҳои мантиқӣ исбот шудаанд ва ба таври зайл пешниҳод мегардад:

- дар Фаронса ва Осиёи Миёна пайдоиши маорифпарварӣ дар доираи нишон додани ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои фарқкунадаи он таҳқиқ карда шуданд. Маълум гардид, ки маорифпарварӣ дар Фаронса ва умуман Аврупо, ба як ҷараёни муташаккил табдил ёфта, ба тамоми қишрҳои ҷомеа, муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра таъсири сахт расонида, самти рушди минбаъдаи ҷомеаи аврупоиро муайян намудааст, дар ҳоле ки

маорифпарварии тоҷик дар доираҳои маҳдуд, миёни донишмандону зиёиён дар пайравӣ ба маорифпарварии аврупоӣ ташаккул ёфтааст;

- шарҳи ҳол ва мазмуну моҳияти осори Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш ба таври мухтасар мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтанд. Ошкор гардид, ки Ж.Ж. Руссо дар қиёс бо Дониш бештар дар мусофират ва саргардониҳо ҳаёт ба сар бурдааст, вале ба хотири андешаҳои созанда ва инқилобӣ доштан ҳар ду донишманд мудом тахти фишори сиёсати замони худ қарор доштанд;

- сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар чорчӯбаи маъхазҳои таърихӣ-илмӣ асоснок карда шуданд. Исбот гардид, ки ба ташаккули афкори маорифпарварии Ж.Ж. Руссо нахуст муносибатҳои иҷтимоии Фаронсаю Швейтсария ва дигар кишварҳои Аврупои ғарбӣ, инчунин осори донишмандоне чун Ш.Л. Монтескё, Ф.М.А. Волтер, Ҷ. Локк, Г. Гротсий, Т. Гобс таъсири амиқ расонидаанд. Дар ҳоле ки афкори маорифпарварии Дониш дар заминаи сафарҳояш ба Руссияи подшоҳӣ инкишоф ёфтаанд;

- вазъи баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар доираи асарҳои бунёдии онҳо мавриди таҳлил ва муқоиса қарор гирифтанд. Таҳлил нишон дод, ки Ж.Ж. Руссо дар фарқият бо А. Дониш инсони табииро аз инсони мутамаддин авлотар медонад, зеро ҳар қадар, ки инсон мутамаддин шавад, ҳамон қадар дар ҷомеа фасод зиёд мегардад. Дар баробари ин, Ж.Ж.Руссо оқибатҳои манфии бозгашт ба зиндагии табииро ҳис карда, зиндагии мутамаддинро дар доираи тарбияи ахлоқии қавии инсон иқрор мешавад. Аҳмади Дониш инсонро дар ҳама ҳолат неруи пешбарандаи ҷомеа меҳисобад;

- тамоилгирии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва андешаҳои характери тарбиявидоштаи Аҳмади Дониш таҳқиқ ва

мавриди муқоиса қарор дода шудаанд. Муқаррар гардид, ки ба назари ин донишмандон барои тарбияи кӯдак се омил: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият заруранд. Аммо аз ин се омил Ж.Ж. Руссо муҳити табииро дар ташаккули инсон муҳимтар меҳисобад;

- зимни омӯзиш ва таҳлили афкори маорифпарварон маълум гардид, ки ақидаҳои пешқадамонаи ҳар ду мутафаккир бе асар намонданд, балки дар шаклгирии ҷаҳонбинии илмӣ, сиёсӣ, андешаҳои маорифпарваронаи ҳамасрон ва донишмандони марҳилаҳои баъдӣ нақши худро гузоштанд. Дар ин раванд, маълум гардид, ки ақидаҳои маорифпарварии Ж.Ж. Руссо, тадриҷан, ҷонибдорони зиёд пайдо карда, афкори ҷомеаро тағйир дод ва то ба Инқилоби II бузурги Фаронса оварда расонд, вале андешаҳои Дониш ҳарчанд боиси ба миён омадани як қатор маорифпарварон ва баъдан ҷадидон гардиданд, вале дар доираҳои маҳдуд боқӣ монданд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар даҳ банд мушаххас баён шудааст, ки бо ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоси методологии таҳқиқотро методҳои маъмули соҳавӣ, мисли методи таърихию муқоисавӣ, таҳлили системавию мантиқӣ ва герменевтикӣ ташкил медиҳад. Дар диссертатсияи мавриди назар пай дар пайии далеловарӣ, сохтори мантиқии пажӯҳиш ва ба таври дуруст интихоб шудани методҳои илмӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо ифодакунандаи сатҳу сифати хуби таҳқиқоти анҷомёфта мебошанд. Дар таҳқиқоти довталаб усулҳои номбурда барои асоснок намудани тезисҳои овардашуда хеле моҳирона истифода шудааст. Дар маҷмуъ, методҳои илмии истифоданамудаи муаллиф на танҳо бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мухолифат надоранд, балки барои амалишавии онҳо мусоидат намудаанд. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот низ,

пеш аз ҳама, тавассути методҳои истифодабурдаи довталаб асоснок карда мешавад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ки дорои шаш зербоб мебошад, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар маҷмуъ 172 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шуданд, инчунин асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, натиҷаҳои назариявиву амалии диссертатсия ва дараҷаи татбиқи таҳқиқот нишон дода шуданд.

Дар боби якум, ки "**Нақши Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар пайдоиш ва ташаккули равияи маорифпарварӣ**" унвон дорад ва аз се зербоб иборат аст, масоили пайдоиши маорифпарварӣ дар Франсия ва Осиёи Марказӣ, ҳамоҳангиву фарқияти онҳо, шарҳи ҳол ва таснифи осори ин мутафаккирон ва сарчашмаҳои идеявии ташаккулёбии ақидаҳои маорифпарварии онҳо таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки муҳтавои асосии мавзуи таҳқиқотиро фаро мегирад ва "**Тамоюлгирии андешаҳои гуманистии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш: таҳлили муқоисавӣ**" ном дорад ва аз се зербоб иборат мебошад, масъалаҳои баррасии масъалаи инсон ва иртиботи ӯ бо ҷомеа дар таълимоти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш, моҳияти фалсафии консепсияи тарбияи табиии Жан Жак Руссо ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз назарияи тарбияиАҳмади Дониш ва таъсири ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссова Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастоварда дар 18 банд ва тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод карда шудаанд, ки инъикоскунандаи фишурдаи матни зерфаслҳои таҳқиқоти мазкур мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои диссертатсия арзиши назарраси илмӣ доранд, зеро онҳо ба рушди заминаи назариявию методологии соҳаи илмҳои фалсафӣ саҳми муҳим мегузоранд. Бояд таъкид намуд, ки натиҷаҳои муҳимтарини диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи фарзияҳои нави илмӣ истифода шаванд, зеро онҳо асосҳои назариявии соҳаи тадқиқотро васеъ мекунанд. Дар таҳқиқоти муаллиф назарияҳои гуногуни илмӣ истифода шуда, мавриди муқоиса ва баҳогузорӣ қарор гирифтаанд. Он имкон фароҳам меорад, ки хонанда бо консепсияи илмии гуногун бархӯрд намуда, онҳоро мавриди муқоиса қарор диҳад, ки бо усули асосии кор мувофиқат дорад. Маводи диссертатсия барои такмили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ аз мафиат холӣ нест. Илова бар ин, маводи коркардшуда ва натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ ва дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои фалсафӣ истифода намуд.

Тавсияҳое, ки барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, боэътимоданд. Онҳоро метавон ҳангоми баргузории курсҳои омӯзишӣ пиромуни марҳилаи таърихии рушди афкори фалсафӣ - маорифпарварӣ, таҳияи корҳои курсӣ, маҷмуаҳои таълими методӣ, соатҳои тарбиявӣ ба таври васеъ истифода намуд. Хусусан, истифодаи онҳо аз ҷониби масъулини муассисаҳои томактабӣ, ки фаъолияташон ба раванди таълиму тарбияи насли ояндаи кишвар равона шудааст, нақши муассир доранд. Инчунин, барои танзими муносибатҳои оилавӣ, ба роҳ мондани тарбияи дурусти насли наврас, риоя кардани назму тартиби коргузорӣ, таъмини баробарии иҷтимоию ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд судманд мебошанд. Ин нукта низ ҷолиб аст, ки тавсияҳои

амалии муаллиф бо натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот мувофиқат дошта, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Ҷанбаҳои гуногуни кори таҳқиқотии муаллиф дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд. Инчунин хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф дар як конференсияи байналмилалӣ ва як конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза гардидаанд. Ҳамаи мақолаҳои нашршуда ва маърӯзаҳои довталаб ба мавзуи диссертатсия робитаи бевосита доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА**. Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) таҳқиқоти мустақилона баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия**. Дар таҳқиқоти мавриди назар дар баробари дастовардҳои муҳимми илмӣ, ҳамзамон як қатор норасоиҳо низ дида мешаванд:

1. Банди дуюми навгонии илмии таҳқиқот ба шакли комил нав нест. Зеро он дар мақолаҳо ва китобҳои дигаре, ки ба ҳаёту фаъолияти Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш бахшида шудаанд, инъикос ёфтааст.

2. Дар матни диссертатсия хатоиҳои мантиқӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа (6D020102-Таърихи фалсафа) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи таърихи фалсафа ва
фалсафаи иҷтимоии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Амондуллоев Б.С.

**Суроға:**734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Тел: (+992) 935343460
E-mail: amoni79@mail.ru

Имзои дотсент Б.С.Амондуллоевро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

05. 06. 2025

**Суроғаи муассиса:**734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Тел: (+992 -37) 221-62-25
Факс: (+992 -37) 227-15-10
E-mail:info@tnu.tj